ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии **6D.КОА-039** назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ ва масуниятшиносӣ.

Тибқи қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (ИТВ АИКТ) аз «15» сентябри соли 2025 комиссия дар ҳайати Раис - доктори илмҳои биологӣ Сатторов Н.Р. (Раис), аъзои комиссия – номзади илмҳои ветеринарӣ- Одинаев Қ.А., номзади илмҳои ветеринарӣ – Андамов И.Ш. диссертатсия, автореферат, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, мақолаҳои илмие, ки вобаста ба мавзӯи диссертатсия аз ҷониби унвонҷуй Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич нашр гардидаанд баррасӣ ва муҳокима намуда, қарори зеринро қабул карданд:

Кори диссертатсионии Рабиев Ҳ.М. дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» зери роҳбарии доктори илмҳои биологӣ Раҳматзода Н.Р. дар солҳои 2014-2024 дар пойгоҳи кафедраи микробиология ва эпизоотологияи факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва хоҷагиҳои инфиродии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон иҷро карда шудааст.

Хулоса дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст.

Тадқиқот ба бандҳои 5.1, 5.5 ва 5.11 Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ ва масуниятшиносӣ мувофиқат мекунад. Тадқиқот ба омӯзиши хусусиятҳо ва зуҳороти бемории маъмулу хавфноки сироятӣ-бемории сил дар чорвои калони шохдор, мукаммал намудани ташхиси тафриқии ин беморӣ бо истифода аз усулҳои муосир ва муайян намудани алоқамандии бемории сил дар байни одамон ва ҳайвонот бахшида шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар доираи мавзуи сарбории илмии факултети тибби ветеринарии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба «Омӯзиши таъсири микобактерияҳои ғайрисилӣ ва гелминтозҳо дар пайдоиши аксуламалҳои бодигармии туберкулинии чорвои калони шохдор» барои солҳои 2021-2025, инчунин «Барномаи давлатии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2015, ки аз 30 декабри соли 2009 таҳти №694 ва “Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ барои солҳои 2021-2025”, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, таҳти № 49 тасдиқ шудаанд, амалӣ гардидааст.

Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб мукаммал инъикос ёфтааст.

Масъалаҳои асосии қабули диссертатсия ба ҳимоя:

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Гумон меравад, ки бемории сил дар рӯйи замин баробари пайдоиши инсон пайдо шудааст ва ҳамчун бемории хафвноки муолиҷанашаванда ба шумор мерафт.

Масоили бемории сил дар замони ҳозира низ бисёр мубрам аст. Ҳамин далел кифоя аст, ки айни замон дар кураи замин ягон кишваре нест, ки аз ин беморӣ пурра озод бошад.

Бо сабабҳои зиёд гирифтор шудани одамон ба бемории сил Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ соли 1993 онро «Хатари умумиҷаҳонӣ» эълон намуд. Зеро мувофиқи пешгӯйии олимону мутахассисони ин соҳа бемории сил дар даҳсолаи оянда 30 млн нафарро сироят карда метавонад. Феълан 48 млн аҳолии рӯйи замин ба ин беморӣ гирифтор буда, ҳарсола то 8 млн ҳодисаи гирифторшавии нав ва 3 млн фавтидани одамон аз ин беморӣ ба рӯйхат гирифта мешавад.

Ин беморӣ дар байни дигар бемориҳои сирояткунандаи ҳайвонот ва одамон мавқеи хосро ишғол менамояд. Хусусияти ин бемории сироятӣ дар он аст, ки он бисёр вақт ба таври тӯлонӣ гузашта, намуди саририи ҳайвонотро тағйир намедиҳад ва ба маҳсулнокӣ таъсир намерасонад.

Бемории сил дар байни ЧКШ паҳн шуда, душвориҳои зиёде ба миён меоварад. Ғайр аз ин, чорвои ба ин беморӣ гирифтор на танҳо чорвои солим, ҳатто одамонро метавонад сироят кунонад. Дар байни бемориҳое, ки ба инсон ва ҳайвонот зараровар мебошанд, бемории сил назар ба дигар бемориҳо ба таври васеъ омӯхта шудааст (Д.Ҷ. Кембел, Р.Т. Маршал, 1984). Аммо аз бисёр ҷиҳат бемории сил то ҳол ҳамчун бемории муаммодор, тавре ки дар давраи Р. Кох буд, ба ҳисоб меравад. Дар кишвари мо новобвста, ки чорабиниҳои пешгирӣ аз беморӣ ва солимгардонии ҳайвонот гузаронида мешавад, ҳолати эпизоотӣ оид ба бемории сили ҳайвоноти калони кишоварзӣ шиддатнок ва ҳалношуда боқӣ мемонад. Дар шароити гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ, ташкил кардани хоҷагиҳои фермерӣ ва зиёд шудани миқдори ҳайвонот дар ихтиёри аҳоли ин масъала боз ҳам муҳимтар арзёбӣ карда мешавад.

Маълум аст, ки асоси чорабинии пешгирикунӣ ва зиддисилиро ташхиси ин беморӣ ташкил менамояд. Яке аз усулҳои асосӣ барои муайян кардани бемории сил санҷиши дохилипӯстии туберкулинӣ мебошад. Ин усули ташхиси бемори сил асоснок будани худро дар кишвари мо ва берун аз он тасдиқ кардааст.

Вале натиҷаҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар бисёр ҳолат ташхиси бемории сил ба воситаи санҷиши туберкулин бо сабаби сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микробактерияҳои атипикӣ душвор мегардад. Бо ҳамин сабаб дар хоҷагиҳои ба бемории сил мусоид то 50% ҳайвоноти таҳқиқгардида метавонанд мусбат мутаассир гарданд (О.В. Мартма, 1971, 1982; К.К. Тяхнас, 1975, А.Н.Шаров, 1980; Н.П. Овдиенко, 1990; А.Х. Найманов, 1993;

Ҳабибов А.Х, 2000, 2016, Одинаев Қ.А., Сатторов С.Ф, 2012, Раҳматзода Н.Р. 2001, 2014, Шукурзода Ш.Р., 2021 ва дигарон).

Ин намуд аксуламалҳои парраллергӣ нисбат ба туберкулин ба мавҷудияти антигенҳои умумии барангезандагони бемории сил ва микобактерияҳои атипикӣ вобастагӣ доранд (Сатторов С.Ф., 2012, Раджабов Х.И. 2018, А.П. Лысенко, 1987; Авербах М.М., 1988; P. Minderet.al. 1972; M.Harboeet. Al 1979; Sasindran S.J., 2011).

Масоили марбутаи бемории сил ба он водор месозад, ки бояд сабабҳои пайдошавии ин зуҳурот дақиқ омӯхта шаванд, усулҳои нави ташхис дарёфт карда шуда, усулҳои мавҷудаи тафриқасозии аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ барои чорво мукаммал гардонида шаванд.

Далелҳои мазкур аз муҳим будани масоили мукаммалгардонии минбаъдаи ташхиси тафриқии сили ЧКШ шаҳодат медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) низ ҳамасола бемории сил дар байни одамон ва ҳайвоноти кишоварзӣ хуруҷ карда, нуқтаҳои номусоиди навро ба миён меорад, ки зарурати аз сари нав дида баромадани масоили ташхис ва мукаммалгардонии онро тақозо менамояд.

Ҳадафи таҳқиқот. Ҳадафи асосии гузаронидани тадқиқот - омӯзиши ҳолати эпизоотии бемории сили ЧКШ дар ҶТ ва мукаммалгардонии усулҳои тафриқасозии аксуламалҳои хос ва ғайрихос (парааллергетикӣ) нисбат ба туберкулин, ҳамзамон, омӯзиши алоқамандии сили ЧКШ ва одамон дар ҶТ, бо истифода аз усулҳои муосир ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои таҳқиқот

1. Омӯзиши сабабҳои пайдоиш ва омилҳои сироятёбии бемории сил дар байни ҳайвонот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Омӯзиши аҳамияти иҷтимоии бемории сил ва алоқамандии он бо саломатии инсон дар ҶТ.
3. Тадқиқ ва таҳлили вазъи эпизоотии бемории сил дар чорвои инфиродии минтақаи Кӯлоби Вилояти Хатлон бо истифодаи вояи мувофиқи ППД-туберкулин.
4. Муайянсозии таъсири микобактерияҳои атипикӣ ба натиҷаҳои ташхиси ҳайвонот дар хоҷагиҳои мусоид ба сил.
5. Омӯзиши муқоисавии усулҳои ташхиси туберкулинӣ бо истифода аз ППД-туберкулин ва ММҒ (КАМ).
6. Тасдиқи натиҷаҳои тадқиқот тавассути истифодаи усули аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП).

Навгонии таҳқиқоти илмӣ. Дар шароити ҶТ бори аввал вобастагии ошкор гардидани ҳайвоноти ба туберкулин мутаассиргашта бо ППД-туберкулин барои ширхӯрон дар хоҷагиҳои инфиродии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон муайян карда шуд. Ҳамзамон, мувофиқи мақсад будани истифода санҷиши симултании туберкулинӣ бо ППД барои ширхӯрон ва ММҒ муқаррар гардида, услуби мукаммалгардонидашудаи истифодаи фаврии санҷиши симултанӣ бо ППД –туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ пешниҳод карда шуд. Дар ҳамин замина барои натиҷагирӣ усули баҳисобгирии фардии натиҷаҳои аксуламалҳои бодигармӣ пешниҳод гардидааст. Аввалин маротиба алоқамандии бемории сили ҳайвонот ва

одамон омӯхта шуд ва тасдиқи натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз АЗП амалӣ гардид, ки навгонии тадқиқоти мазкурро инъикос менамояд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз муайянсозии сабабҳои афзоиши ҳолатҳои бақайдгирии мутаассиршавии чорвои инфиродӣ нисбат ба бемории сил, омӯзиши таъсири вояи ППД – туберкулин барои ширхӯрон ба зоҳиршавии аксуламалҳои бодигармӣ дар ЧКШ ва омӯзиши муқоисавии арзиши ташхисии санҷиши симултании туберкулинӣ бо ППД –туберкулин барои ширхӯрон ва туберкулин барои парандагон, ММҒ (КАМ), муайянсозии табиати бақайдгирии ҳолатҳои мусбат ва пешгирии ҳолатҳои хуруҷи бемории сил дар байни чорвои инфиродӣ асос меёбад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда бо таҳияи Дастурамал оид ба усули фаврии гузаронидани санҷиши симултании туберкулинӣ барои ташхиси бемории сили ҳайвоноти калони шохдор (аз тарафи ХНДБ ВК ҶТ, 2017 тасдиқ карда шудааст), тарҳрезии патент (TJ 635) оид ба "Тарзи ташхиси бемории сил дар ҳайвоноти калони шохдор", ки дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Тоҷикистон аз 05.11. соли 2014 ба қайд гирифта шудааст, аҳаммияти амалии таҳқиқотро инъикос менамояд.

Маводи дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ ноилгардида метавонад барои омӯзиши аспирантону унвонҷӯён, докторантон (PhD) ва донишҷӯёни факултаҳои ветеринарӣ ва биологӣ истифода шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро ҳаҷми кофии маводи оморӣ ва таҷрибавӣ, зиёд будани тадқиқоти гузаронидашуда ва интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ менамояд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

Оид ба дар диссертатсия набудани ҳолатҳои истифодаи маълумот бе нишон додани манобеъ.

Аз ҷониби диссертант маълумотнома оид ба санҷиши матни диссертатсия оид ба ҳаммонандиҳо (плагиат) пешниҳод карда шудааст, ки аз ҷониби корманди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ Р.М. Ёров имзо гардидааст. Тибқи маълумотномаи мазкур матни диссертатсияи Рабиев Ҳ.М. дар мавзуи "Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон" 88,17% - ро ташкил медиҳад.

Дар бораи пуррагии маводи диссертатсия дар корҳои нашркардаи довталаби дараҷаи илмӣ

Диссертатсия дар 135 саҳифаҳои матни компютерӣ таҳия шуда, аз 11 ҷадвал, 5 тасвир ва 5 диаграмма иборат аст. Рӯйхати адабиёт ба 166 манбаъ шомил аст, ки 112-тои онҳо ба забони русӣ ва 54-тои онҳо ба забонҳои хориҷӣ мебошанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаррароти муқаддимавӣ, шарҳи адабиёт, тавсифи мавод ва усулҳои тадқиқоти шахсӣ, баррасии натиҷаҳо, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Аз натиҷаи тадқиқотҳои илмии унвонҷӯй 7 мақолаи илмӣ дар маҷҷалаҳои ба феҳристи нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда нашр шудааст.

Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионии Рабиев Х.М., пешниҳодшуда бо маводҳои воқеӣ асоснок карда шудаанд.

Бо эътирофи сифати хуби кори диссертатсионии Рабиев Х. М., қайд кунем, ки дар кори диссертатсионӣ хатогиҳои алоҳидаи техникӣ, грамматикӣ ва услубӣ, ифодаҳои номуваффақ ва хатоҳо мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки ин шарҳҳо хусусияти тавсиявӣ доранд ва бартариҳои диссертатсияро, ки кори мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дорад ва ба рушди илми ветеринарӣ мусоидат мекунад, коҳиш намедиҳанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевичро дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ ва масуниятшиносӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ:

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи: «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқонии зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, замбурӯғшиносӣ бо захрзамбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

Ҳабибов Абдуҷалил Халилович - доктори илмҳои ветеринарӣ, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии АИКТ.

Шарипов Маҳмадулло Азизович - номзади илмҳои ветеринарӣ, мудири кафедраи тибби байтории Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти тибби ветеринарии АИКТ ва Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои биологӣ Сатторов Н.Р.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

номзади илмҳои ветеринарӣ Одинаев Қ. А.

номзади илмҳои ветеринарӣ Анҷамов И. Ш.

аз «09» октябри соли 2025